USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

ФОНДИ ОҒОХОН

# ШАҲБУЗАКИ ҶОНОНА



Китобчаи мазкур бо кӯмаки мардуми Амрико нашр шудааст, ки он аз тариқи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад. Мазмун ва мундариҷаи ин китоб маҳсули муаллиф буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.



Шаҳбузаки Ҷонона
Давад хона ба хона:

– Беъ-эъ-эъ! Бе-эъ-эъ!
– Беъ-эъ-эъ! Бе-эъ-эъ!



Кобад ӯ бачаашро,
Лоло бузичаашро.



Зеби таронаашро,
Ганҷи ягонаашро.



Ду нури дидаашро,
Ба ҷон харидаашро.



Давлатаки сарашро,
Зангӯлаи дарашро.



Шӯху балоякашро,
Куртаалоякашро.



Почасиёҳакашро,
Зебонигоҳакашро.



Шаҳбузаки Ҷонона
Давад хона ба хона:
– Беъ-эъ-эъ! Бе-эъ-эъ!
– Беъ-эъ-эъ! Бе-эъ-эъ!



– Беъ-эъ-эъ! Э, мардум!
Сафедакам шудаст гум!
Омадаам ба зорӣ,
Назди шумо, ку ёрӣ?!



Як кӯча бача омад,
Як кӯча оча омад.



Як кӯча бача кобад,
Як кӯча оча кобад.



Сафедак бачаи ӯ,
Лоло бузичаи ӯ.



Зеби таронаи ӯ,
Ганҷи ягонаи ӯ.



Ду нури дидайи ӯ,
Ба ҷон харидайи ӯ.





Давлатаки сари ӯ,
Зангӯлаи дари ӯ.



Шӯху балояки ӯ,
Куртаалояки ӯ.



Почасиёҳаки ӯ,
Зебонигоҳаки ӯ.

Кобу кобу кобу коб!
Ёбу ёбу ёбу ёб!



Ёфтемаш аз Зарпоя,
Аз деҳаи ҳамсоя.



Канори марғзоре,
Дар лаби чашмасоре.



Беғамак сабза мехӯрд,
Ҳай қабза-қабза мехӯрд.



Як кӯча бача хандон,
Як кӯча оча хандон.



Шаҳбузак дакар-дукур,
Бузича тапар-тупур.



Бузича дакар-дукур,
Шаҳбузак тапар-тупур.



Давида шатар-шутур,
Парида патар-путур.



– Беъ-эъ-эъ! – Ҳар ду аз дур:
– Ба ҳамматон ташаккур!



– Беъ-эъ-беъ-эъ! Ташаккур!
– Беъ-эъ-беъ-эъ! Ташаккур!



## Саволҳо:

Шаҳбузаки Ҷонона чаро хона ба хона мегашт?

Шаҳбузак киро мекофт ва чӣ мегуфт?

Бузичаи Шаҳбузак чӣ хислату рафтор дошт?
Чӣ гуна буд?

Шаҳбузак бачаякашро аз куҷо ёфт?

Охир чӣ шуд?

## Калонсолони гиромӣ!

Китобе, ки Шумо дар даст доред, барои инкишофи зеҳн, омӯзиши забони модарӣ ва бедор намудани шавқу ҳаваси кӯдакон ба китобу китобхонӣ омода гардидааст. Тавсияҳои муҳиме, ки мавриди истифодаи китоб ба Шумо ҳамчун роҳнамо кӯмак мерасонанд:

- Хуб мебуд, ки Шумо дар як рӯз аз 15–20 дақиқа то 35–40 дақиқа вақт ҷудо карда, бо кӯдак ҳамроҳ фаъолият намоед.
- Пеш аз ҳама китобро ба кӯдак диҳед, то ки мустақилона варақгардонӣ карда, аз тамошояш завқ барад, қаноатманд шавад. Дар вақти тамошо бо ӯ ҳамроҳ бошед ва расмҳои мувофиқ нишон дода, маълумоти заруриро ба кӯдак гуфта диҳед.
- Ҳар як асари бадеиро ботамкин, пурсаброна ва то ба охир хонда, нақл намоед. Доир ба афсонаи хондашуда якчанд супориш диҳед ва дар бораи суратҳо нақл кунед. Мавриди савол додани кӯдак, кӯшиш кунед, ки ба ӯ ҷавоби пурра диҳед.
- Бигузор кӯдак аз паси Шумо калима, ибора ва ҷумлаҳоро такрор кунад. Мавриди нақли асари бадеӣ нутқи адабии кӯдаконро инкишоф диҳед.
- Барои ба даст овардани муваффақият кӯдакро шавқманд намоед. Дар кӯдак боварӣ ба худро ташаккул диҳед.

**Комёбу муваффақ бошед!**

# Боз ин китобҳоро хонед!

